**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №3, 2015**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №3, 2015**

УДК: 63 (051)64 – 612

**ҲАЙДАРЗОДА М.П.**[1]

# ТАНОСУБИ МАФҲУМҲОИ «САВДОИ ОДАМОН» ВА «ХАРИДУ ФУРӮШИ ОДАМОН»

Дар мақола масоили мубрам оид ба мукаммалсозии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таносуби мафҳумҳои савдои одамон ва хариду фурӯши одамон мавриди омӯзиши амиқ қарор дода шудааст. Муаллиф дар асоси тадқиқотҳои илман асоснок ба ақидае омадааст, ки мафҳуми савдои одамон нисбат ба мафҳуми хариду фурӯши одамон васеътар аст. Аз ин лиҳоз, ӯ истифодаи мафҳуми савдои одамонро дар қонунгузорӣ дастгирӣ намудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** Савдои одамон, хариду фурӯши одамон, қонунгузорӣ, истиллоҳ, кодекси ҷиноятӣ.

Савдои одамон дар шароити имрӯза таҳти диққати ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дорад, зеро ин проблема ҳамчун падидаи манфӣ ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоии ҷомеаи инсонӣ зарари ҷуброннопазир мерасонад.

Моддаи 5 Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои онро арзиши олӣ ҳисобида, ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии ӯро дахлнопазир эълон карда, ҳифз кардани онҳоро кафолат додааст [3].

Яке аз ин кафолатҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбати таҷовуз ба озодӣ, обрӯ ва эътибори шахсият мебошад. Намудҳои кирдорҳои ҷиноятӣ, ки ба озодӣ, обрӯ ва эътибори шахсият равона мебошанд, дар боби 17 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҷиноятҳо ба муқобили озодӣ, обрӯ ва эътибори шахсият» мустақар гардидаанд. Аз ҷумла, яке аз ингуна ҷиноятҳо ин савдои одамон (хариду фурӯши одамон, моддаи $130^{1,}$ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [3] (минбаъд - КҶ ҶТ) мебошад.

Дар КҶ ҶТ таркиби ҷинояти хариду фурӯши одамон (савдои одамон) бо таҳрир аз 5 январи соли 2008, ки то ҳол амал карда истодааст, чунин муқаррар карда шудааст:

“Хариду фурӯши одамон, яъне бо мақсади сӯйистифода (сӯйистифодаи фоҳишагарии дигар шахсон ё дигар шакли сӯйистифодаи шаҳвоният, кор ё хизматрасонии маҷбурӣ, ғуломӣ ё расму одатҳои ба ғуломӣ ҳам шабеҳ, ҳолати ноилоҷӣ ё гирифтани узв ва (ё) бофта) - ҷалбкунӣ, интиқол, супоридан, пинҳонкунӣ ё гирифтани одамон бо роҳи таҳдиди зурӣ ё истифодаи он ё дигар шаклҳои маҷбурсозӣ, дуздӣ, қаллобӣ, фиреб, сӯйистифодаи мансаб ё ҳолати заифӣ, ё бо роҳи ришва додан дар шакли пардохт ё фоида барои гирифтани розигии шахсе, ки дигар шахсро назорат мекунад, содир шуда бошад”[3].

Қайд кардан бамаврид аст, ки қонунгузор аз диспозитсияи оддии кӯтоҳ даст кашида, тамоми он ҳолатҳое, ки ба хариду фурӯши одамон (савдои одамон) мутааллиқ аст, дар диспозитсияи ин модда дохил намудааст ва дар навбати худ мафҳуми додашуда ба мафҳуми пешбининамудаи санади байналмиллалӣ монанд мебошад [4].

Воқеан таҳлили низомноки м.$130^1$ КҶ ҶТ дар муқоиса бо моддаи 3-и Протокол оид ба пешгирӣ ва рафъи хариду фурӯши одамон, хусусан занону

[1] **Адрес для корреспонденции:** Ҳайдарзода М.П.– преподаватель кафедры уголовного права, криминологии и психологии факультета №2 Академии МВД Республики Таджикистан, старший лейтенант милиции. 735100 Республики Таджикистан, р. Рудаки,дж. Сари кишти, дом. 96. 904161624

кӯдакон ва ҷазо барои он нишон медиҳад, ки мафҳуми хариду фурӯши одамон пурра аз ин меъёри байналхалқӣ имплементатсия карда шудааст.

Масъалаи муҳим ва аввалиндараҷа, ки бисёр баҳсангез аст, ин номи моддаи $130^1$ хариду фурӯши одамон мебошад. Ин масъала дар байни олимони ватанӣ баъд аз қабул шудани Қонуни нав "Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон" аз 26-уми июли соли 2014, таҳти №1096 [1], ба вуҷуд омадааст.

Новобаста ба он ки қонунгузор дар номи қонуни нав ба ҷои истиллоҳи "хариду фурӯши одамон" "савдои одамон"- ро истифода бурда дар моддаи 1 -ум, ин мафҳумҳо дар алоҳидагӣ шарҳ ёфта, мафҳуми дуюм нисбат ба якум характери комплексӣ касб намудааст, оид ба иваз кардани номи моддаи $130^1$ КҶ ҶТ то ҳол иқдоме зоҳир нагардидааст. Аз ин лиҳоз, номутобиқатии мантиқии байни конуни дар боло зикршуда ва КҶ ҶТ то андозае ба назар мерасад ва равшани андохтан ба масъалаи матраҳ гардидаистодаро бори дигар пеш меорад.

Истиллоҳи «хариду фурӯш» дар фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ ҳамчун амали харидани чизе ва ё гирифтани чизе аз касе бо додани баҳои онро дорад. Истиллоҳи «савдо» бошад (хариду фурӯш, тиҷорат, муомила дар сари кам кардани нархи чизе бо фурӯшанда гуфтугузор кардан) маънидод карда шудааст [6, 188]. Аз ҳамин нуқтаи назар гуфтан мумкин аст, ки истиллоҳи «савдо» аз истиллоҳи «хариду фурӯш» васеътар аст. Олими бузурги тоҷик Шарипов Т.Ш. низ дар ҳамин ақида аст [7]. Олими дигари тоҷик Солиев К.Ҳ. дар ақидаи пештара, яъне «хариду фурӯш» буда, баъзан вақт дар баромадҳояш истиллоҳи «тиҷорат»-ро низ истифода мебарад[5, 7].

Ба ақидаи баъзе аз забоншиносон калимаҳои (хариду фурӯш, тиҷорат ва савдо) ба ҳамдигар ҳаммаъно мебошанд. Вале дар қонунгузорӣ нақши онҳо дигаргун буда, истиллоҳи «савдо» аз истиллоҳи «хариду фурӯш» васеътар мебошад. Ин аз мазмуни моддаи 1-уми Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон [1]", ки мафҳумҳои номбурда дар алоҳидагӣ шарҳ ёфтаанд, бармеояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қариб дар тамоми қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, ки ин кирдор ҷиноят эътироф гардидааст, истиллоҳи «хариду фурӯш» бо як калима дарҷ меёбад. Масалан: дар забони англисӣ - «трафик», дар забони русӣ - «торговля», дар забони форсии эронӣ - «тиҷорат» ва ғайра. Аз ин лиҳоз, дар қонунгузории миллӣ низ истифодаи калимаи - "савдо" мувофиқи мақсад аст, ки имрӯз қонунгузор ин иқдомро пазироӣ намудааст.

Ҳангоми истифодаи истиллоҳи «савдо» имконияти дар диспозитсияи моддаи $130^1$ КҶ ҶТ дохил намудани тамоми кирдорҳои ба ин меъёр алоқаманд, ки дар Қонуни нави дар ин самт қабулкардашуда мавҷуд аст, ба вуҷуд меояд.

Аз ин лиҳоз, интихоби дурусти номи моддаи $130^1$ КҶ ҶТ масъалаи мураккаб буда, то ҳол дар байни олимони ватанӣ ақидаи ягона вуҷуд надорад.

Профессор Шарипов Т.Ш. ва пайравони ӯ (Рауфов Ф.Х., Сафаров А.И., Раҳматҷонов Б.Н.) дар татқиқотҳояшон қайд менамоянд, ки номи моддаи $130^1$ КҶ ҶТ «савдои одам» гузошта шавад [7], аммо ягон асоси воқеии исботкунандаро пешкаш накардаанд, ки бо кадом мақсад онҳо маҳз «савдои одам»-ро дар шакли танҳо интихоб кардаанд, дар шакли мантиқи ба ин ақидаи профессор розӣ шудан мумкин аст. Аммо ба андешаи мо ин ҷо баҳс танҳо дар истиллоҳи «хариду фурӯш» ҷой дорад, на дар истиллоҳи «одамон».

Аз ҳамин нуқтаи назар номи моддаи $130^1$ КҶ ҶТ на «савдои одам» балки «савдои одамон» интихоб карда шавад. Мо ин андешаи худро бо якчанд далелҳо асоснок менамоем:

- аввалан, ин ки номи худи моддаи $130^1$ КҶ ҶТ дар айни замон «хариду фурӯши одамон» аст на «хариду фурӯши одам» ;

- дуюм ин, ки дар худи м. 1 - уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон» [7] «мафҳуми савдои одамон» дода шудааст, на мафҳуми савдои одам;

- сеюм ин ки дар аксарияти кодексҳои давлатҳои дигар аз ҷумла Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Қазоқистон номи ин меъёр савдои одамон муқаррар карда шудааст.

Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ мебуд, агар бо назардошти гуфтаҳои боло ва муқаррароти Қонуни нави дар ин самт қабул кардашуда, номи моддаи 130[1] КҶ ҶТ иваз карда шуда, ба ҷойи истиллоҳи «хариду фурӯши одамон» «савдои одамон», муқаррар карда шавад.

Ҳамин тариқ дар сурати ислоҳ шудани ин проблема ҳам камбудиҳои қонунгузорӣ ва ҳам камбудиҳои амалия ҳалли худро меёбад.

**Адабиёт**

1. Закон Республики Таджикистан «О противодействии торговли людьми и оказании помощи жертвам торговли людьми» от 26 июля 2014г., №1096. Национальный центр законодательства при Президенте РТ. [Электронный ресурс]: URL: http://mmk.tj/ru/legislation/legislation-base/259/ (Дата обращения:22.03.2015г.)

**2.** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 май соли 1998 //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1998, № 9, мод.68, мод.69 (Қонунҳои ҶТ аз 26.07.2014 с., №1088; № 1089)

3. Конституция Республики Таджикистан от 6 ноября 1994г. (с изменениями и дополнениями от 26 сентября 1999 и 22 июня 2003гг.) // Единый государственный Реестр нормативных правовых актов Республики Таджикистан. - 2008. -№1;

4. Ниг: Протокол оид ба пешгирӣ ва рафъи хариду фурӯши одамон, хусусан занону кӯдакон ва ҷазо барои он (илова ба Канвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ, аз 15 ноябри соли 2000.

5. Ниг: Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон / “Дар бораи мубориза бо хариду фурӯши одамон” Душанбе, 2007. 1056 с.

6. Ниг: Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд) ҷилди ду дар зери таҳрири Сайфидин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. Душанбе 2008. 426 с.

7. Шарипов Т.Ш.; Рауфов Ф. Х.; Сафаров А.И.; Раҳматҷонов Б. Н. Муқовимат ба савдои одамон. Воситаи илмӣ-амалӣ. Душанбе-2015.-256 с.

8.Khaydarov M.P.- lecturer of the Department of Criminal Law, Criminology and Psychology, Faculty №2 Academy of Ministry of In

**ХАЙДАРЗОДА М.П.**

## СООТНОШЕНИЕ ПОНЯТИЙ “ТОРГОВЛЯ ЛЮДЬМИ” И “КУПЛЯ ПРОДАЖА ЛЮДЕЙ»

В статье рассматривается проблема по совершенствованию законодательства Республики Таджикистан по линии соотношений терминов торговля людей и купля продажа людей. Автор на основании обоснованных научных исследований пришел к выводу, что понятие торговля людьми более обширна чем понятие купля продажа людей. В связи с этим он поддерживает использование понятия торговля людьми в отечественном законодательстве.

**Ключевые слова:** Торговля людьми, купля продажа людей, уголовный кодекс, законодательство, термин.

**KHAYDARZODA M.P.**

## VALUE CONCEPTS OF HUMAN TRAFFICKING AND THE PURCHASE-SALE OF HUMANS

The article deals with the problem of improving the legislation of the Republic of Tajikistan under the terms of relations trafficking and purchase-sale of humans. Author based on sound scientific research came to the conclusion that the concept of human trafficking is broader than the concept of purchase-sale humans. In this regard, it supports the use of the concept of trafficking in domestic legislation.

**Keywords:**human trafficking, purchase-sale of humans, the criminal code, the law, the term.